# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи номзадии Мирзоева Маҳтовбӣ Мустафоевна дар мавзуи «Рӯзгор ва осори Ғоиб Сафарзода» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт; равобити адабӣ. – Душанбе, 2024. – 182 с.**

Ғоиб Сафарзода аз ҷумлаи шоирони соҳибистеъдоди адабиёти тоҷики даврони шуравӣ буда, дар охири солҳои 50-ум ва ибтидои солҳои 60-уми қарни гузашта ба майдони адабиёт қадам гузоштааст. Шоир дар замоне ба шеъру шоирӣ оғоз намуд, ки дар қаламрави шеъри тоҷикӣ як навъ тағйиру дигаргунии сифатӣ ба зуҳур омада, аз ҷониби адибони давр барои тағйири сабку услуб ва тарзҳои маълуми шеърофаринӣ саъю кӯшишҳо анҷом мепазируфт. Сабаби ин дигаргуниву таҳаввулотро муҳаққиқони соҳаи адабиётшиносӣ ба омилҳои гуногуни сиёсиву иҷтимоии ин давра рабт медиҳанд, ки то андозае адабиёти бадеиро аз чаҳорчӯби маҳдудиятҳои сиёсии даврони сталинӣ озодтар гардониданд.

Маҳз дар ҳамин давра барои ҷавоншоирони тоҷик имкони ошноӣ бо адабиёти пешқадами ҷаҳон, бахусус эҷодиёти ҳамзамонон, пайдо шуд, ки ин ошноӣ ба рушди минбаъдаи шеъри тоҷикӣ бетаъсир намонд. Минбаъд, дар канори Ғаффор Мирзо, Муъмин Қаноат, Аминҷон Шукӯҳӣ, ки аз пешгомони навгароии адабиёти тоҷик дар ин давра ба шумор меравaнд, шоирони нисбатан ҷавоне ба майдони адабиёт ворид гардиданд, ки барои нафаси тоза бахшидан ба адабиёти бадеӣ боз ҳам ҷиддитар камар бастанд. Ба қавли муҳаққиқон, дар ин дигаргуниву таҳаввулоти шеъри тоҷикӣ баробари ҷавоншоирони муваффақе, амсоли Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Гулрухсор Сафиева, Ҳабибулло Файзулло, ва чанд тани дигар Ғоиб Сафарзода низ саҳми муносиб дорад.

**<u>Мубрамии мавзуи таҳқиқоти</u>** диссертант дар он зоҳир мегардад, ки бо вуҷуди саҳми муносиб ва арзишманд доштани Ғоиб Сафарзода дар рушду инкишофи шеъри муосири тоҷик то ба имрӯз дар илми адабиётшиносии тоҷик оид ба рӯзгор ва фаъолияти эҷодии ӯ кори мукаммалу фарогири илмӣ сурат нагирифта буд ва диссертатсияи мавриди назар аз нахустин иқдомоти ҷиддӣ дар ин масъала мебошад.

Муаллифи диссертатсия барои мувофиқи талабот ҳаллу фасл намудани масъала фаъолияти гуногунҷабҳаи Ғоиб Сафарзода ва равобити эҷодии ӯро бо шоирони муваффақи ҳамзамонаш мавриди пажӯҳиши густардаи илмӣ қарор додааст.

Ин иқдоми писандидаи диссертант боиси он мегардад, ки тавассути ин диссертатсия хонандаи тоҷик ба рӯзгор ва фаъолияти эҷодии яке аз

шоирони муваффақи даврони шуравии тоҷик – Ғоиб Сафарзода ошноӣ пайдо намоянд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқ** дар он аст, ки нахустин бор дар илми адабиётшиносии навини тоҷик ҳаёт ва эҷодиёти Ғоиб Сафарзода, ҳунари шоирӣ ва мавқеи ӯ дар ташаккул ва таҳаввули шеъри солҳои 60-ум - 70-уми асри гузашта ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Диссертант барои расидан ба ҳадафҳои ниҳоӣ лозим донистааст, ки сараввал шахсияти эҷодии ин суханварро аз даричаи илмҳои гуногуни адабиётшиносӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, масъалагузорӣ намояд, ки дар оянда барои муқаррар кардани шарҳи илмии рӯзгор ва осори Ғоиб Сафарзода хеле муҳим аст. Аз мутолиаи диссертатсия маълум мегардад, ки Ғоиб Сафарзода дар баробари дигар шоирони муваффақи даврони шуравӣ дар таҳаввули шеъри муосири тоҷик нақши бориз дорад.

Дар диссертатсияи М. Мирзоева ашъори шоир ҳам аз лиҳози сохтори ҳунарӣ ва ҳам аз лиҳози доштани ҷанбаи илмию маърифатӣ бори аввал бо як низоми мушаххаси илмӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст, ки натиҷаву хулосаҳои он барои амиқу дақиқ ошноӣ пайдо намудан ба рӯзгор ва осори Ғоиб Сафарзода замина мегузорад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо** бар он собит мегардад, ки диссертант дар заминаи дониши мукаммали назариявӣ масъалаҳои марбут ба пажӯҳишро мувофиқи талабот таҳқиқ намудааст. Вуқуфи комили муаллифи диссертатсия аз назарияи балоғати суннатӣ ва назарияи мактабу ҷараёнҳои гуногуни адабии навин боис гаштааст, ки ташаккул ва таҳаввули шеъру адаби тоҷик ва саҳми яке аз шоирони намоёни адабиёти солҳои 60-70-уми муосири тоҷик Ғоиб Сафарзодаро бо меъёргузориҳои дақиқи илмӣ баррасӣ намуда, хулосаҳои мушаххаси илмӣ барорад. Омӯзиш, таҳлил ва тадқиқи масоили илмии марбут ба мавзуъ бо овардани мисолҳои фаровон аз осори Ғоиб Сафарзода ба диссертатсия ҷанбаи қавии илмӣ бахшида, диссертант кӯшиш кардааст, ки аз муҷаррадбаёнию умумигӯӣ худдорӣ намояд. Ҳамаи бобу фасл ва зерфаслҳои диссертатсия то андозае хулосабарорӣ доранд ва хулосаҳои баровардаи диссертант фишурдаи ҳама масоили бобу фасл ва зерфаслҳои таҳқиқро фаро гирифтаанд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот** дар пайванди назариявии масъалаҳои дар диссертатсия матраҳгардида бо илмҳои адабиётшиносӣ, назарияи адабиёт, поэтика, сабкшиносӣ ва монанди инҳо устувор гардидааст. Дар диссертатсия Ғоиб Сафарзода ҳамчун яке аз чеҳраҳои намоёни насли сеюми адабиёти муосири тоҷик муаррифӣ

гардида, мақоми ӯ дар адабиёти солҳои 60-ум 70-уми асри XX таҳлилу таҳқиқ ва мушаххас гардидааст. Аз дигар ҷониб, хулосаҳои назарии диссертатсия имкон дорад ҳангоми дарсҳои таърихи адабиёти муосири тоҷик, матншиносӣ ва монанди инҳо мавриди истифода қарор бигирад.

Диссертатсияи Мирзоева Маҳтовбӣ аз муқаддима, се боб ва хулосаву рӯйхати адабиёт фароҳам омада, бобҳо ба фаслҳо ва баъзе фаслҳо ба зерфаслҳо тақсим шудаанд.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи коркарди илмии проблемаи мавриди омӯзиш, робитаи таҳқиқ бо барнома, лоиҳа ва мавзуъҳои илмӣ, навгониҳои илмии таҳқиқ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор тибқи меъёрҳои таъйиншуда дарҷ гардидааст.

Боби якуми диссертатсия – **«Шарҳи ҳол, фаъолияти эҷодӣ ва мероси адабии Ғоиб Сафарзода»** унвон дошта, аз се фаслу ду зерфасл иборат аст. Дар ин бахши диссертатсия масоили марбут ба зиндагиномаи Ғоиб Сафарзода ва заминаҳои ташаккулёбии шахсияти ӯ, равобити адабию маънавии адибони рӯзгори шоир, фаъолияти публитсистӣ ва тарҷумонии адиб, назари адибону мунаққидон ба дастовардҳои шоир ва натиҷаи фаъолияти гуногунҷабҳаи вай, осори таълифии шоир ва таснифи жанрии онҳо ба таври амиқ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст. Дар ин қисмати диссертатсия М. Мирзоева дараҷаи омӯзиш, шарҳи ҳолу таснифи осори шоирро зикр карда, ба хулосае меояд, ки фаъолияти эҷодии Ғоиб Сафарзода аз охири солҳои панҷоҳум, аз айёми донишҷӯӣ оғоз ёфта, ҳамагӣ 13 сол, яъне то дами марги фоҷианокаш (соли 1972) идома ёфтааст. Ӯ ҳамчун ҷавони эҷодкор, нисбат ба худ басо серталаб буда, дар умри кӯтоҳи худ бо ашъори рангинаш дар назми солҳои шастуми садаи XX адабиёти тоҷик саҳми бориз гузоштааст (Диссертатсия, саҳ. 13).

Таҳқиқоти диссертант нишон медиҳад, ки аз осори Ғоиб Сафарзода то имрӯз маҷмуаҳои шеърӣ, дар мисоли «Корвони орзу» (1969), «Ошёни офтоб» (1972), «Мероси ҷавонӣ» (1978), «Ҷавонӣ» (1986), «Мунтахабот» (2003), «Мунтахабот» (Китоби 2, 2011), «Чашмаи меҳр» (Мунтахабот, 2015) ва дигар осори тарҷумавии ӯ боқӣ мондаанд, ки намуна аз фаъолияти пурсамари эҷодии шоиранд. Сарчашмаҳои таҳқиқи диссертантро ҳамин маҷмуаҳои шеърии шоир ташкил медиҳад. Дар ин замина диссертант тавонистааст, ки мероси адабӣ, анвои шеърӣ, миқдори абёти шеъри шоирро муайяну барқарор намояд.

Боби дуюми диссертатсия **«Муҳтавои ашъори Ғоиб Сафарзода»** аз панҷ фасл иборат буда, дар он масъалаҳои мавзуъ ва мундариҷаи ғоявии ашъори шоир, васфу ситоиши зан-модар, тараннуми ватану ватандӯстӣ, тасвири баҳору Наврӯз ва зебоиҳои табиати нотакрори диёр ва бозтоби масоили иҷтимоӣ мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Яке аз мавзуъҳое, ки дар адабиёти форсу тоҷик нақши асосӣ дорад, мавзуи зан-модар аст. Ҳамин мавзуъ дар ашъори Ғоиб Сафарзода низ мақоми вижа дошта, шоир ин олиҳаи ҳусн ва сарчашмаи меҳрро дар шеъри худ бо тамоми ҳастиаш васфу ситоиш намудааст:

Модар, ту ҷавону ҷовидон хоҳӣ монд,
Андар дилу ҷони одамон хоҳӣ монд.
Омӯхт забону панд ҳар фард зи ту,
То ҳаст ҳаёт, дар забон хоҳӣ монд (Диссертатсия, саҳ. 89).

Ба қавли диссертант, мавзуи дигаре, ки дар ашъори Ғоиб Сафарзода мақоми шоиста касб кардааст, мавзуи Ватану ватандӯстӣ мебошад. Шоир дар шеърҳои гуногуни худ мавзуи мазкурро ба ҳайси мавзуи ҳадафи тасвир қарор дода, зодбуми худро ҳунармандонаву шоирона васф кардааст.

Аз таҳқиқоти диссертант маълум мегардад, ки мавзуъҳои баҳору Наврӯз ва тавсифи табиати ҳамешабаҳори диёр ва масоили иҷтимоӣ низ дар ашъори шоир мавқеи хосса доранд. Ҳамин тариқ, диссертант мавзуъ ва мундариҷаи ғоявии ашъори шоирро дар заминаи мулоҳизоти муҳаққиқону суханварони тоҷик, ки ба шеъру мавзуи ашъори шоир баҳои судманд додаанд, ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Бояд зикр кард, ки яке аз бахшҳои нисбатан комилтар ва аз нигоҳи илмӣ суфтатар боби сеюми диссертатсия ба ҳисоб меравад. Ин боби диссертатсия – **«Ҳунари шоирии Ғоиб Сафарзода»** ном дошта, аз панҷ фаслу ду зерфасл фароҳам омадааст. Боби мазкур асосан ба таҳқиқи ҷанбаи корбурди ҳунармандонаи вазн, ҳунари қофияороӣ, нақши радиф, ҷойгоҳи санъатҳои бадеӣ, забон ва сабки нигориши шоир ихтисос дошта, инҳо яке масъалаҳои меҳварии таҳқиқоти диссертант ба ҳисоб мераванд.

Диссертант дар оғози ин бахши кор таъкид намудааст, ки тули ҳазорсолаҳост, ки шуарои тоҷик шеъри худро дар вазни аруз суруда меоянд. Агарчи ҳоло каломи манзум ба таҳаввулоти шаклию сохторӣ дучор гардида, анвои гуногуни шеъри нав, мисли шеъри мудерн, шеъри сафеду озод ва ғайра ба адабиёти муосири тоҷик ворид гардидаанд, вале мавқеи вазн дар ҳама гуна навъи шеър побарҷост. Намунаи барҷаста ва таъйидкунандаи ин фикр эҷодиёти гуногунжанру пурғановати Ғоиб Сафарзода мебошад.

Дар диссертатсия авзони ашъори Ғоиб Сафарзода, истифода аз баҳрҳои суннатӣ, миқдор ва мақеи онҳо дар шеъри шоир ба таври зарурӣ муайяну баррасӣ гардидааст. Мувофиқи таҳқиқи диссертант, шоир 364 шеъри гуногунжанрашро дар авзони 8 баҳри хушоянди арузӣ, аз ҷумла дар баҳри ҳазаҷ 251, баҳри рамал 96, баҳри музореъ 6, баҳри хафиф 4, баҳри раҷаз 3, баҳри мутақориб 2, баҳри сареъ 1 ва баҳри мунсареҳ 1 шеър суруда, дар баҳрҳои боқимонда чун: муҷтас, мутадорик, қариб, мушокил, ҷадид ва муқтазаб ягон шеър нагуфтааст (Диссертатсия, саҳ. 118).

Дар фасли дуюми боби сеюми диссертатсия роҷеъ ба ҳунари қофияоройи дар шеъри шоир сухан меравад. Дар ин фасл маҳорати эҷодии Ғоиб Сафарзода дар масъалаи қофияоройи мавриди таҳқиқу баррасии муҳаққиқ қарор гирифтааст.

Дар хусуси радиф ва нақши он дар ашъори шоир диссертант қайд намудааст, ки радифҳои ашъори шоир ағлаб аз як калима, таркиб ва баъзан,ибораю ҷумла ва мисраи том ташкил ёфтаанд, ки онҳо: ман, шуд, аст, гардад, канорат, менамуд, ту, дилҷӯ, медӯхт, не, омадам, дорад, шавад, руд, мегирифт, нашуд, хешро, меравам, кардаанд, мебарам, шумо, Ватан, гузорам ва ғайраҳо мебошанд.

Фасли чоруми боби сеюми диссертатсия ба масълаи ҷойгоҳи санъатҳои бадеӣ дар ашъори Ғоиб Сафарзода нигаронида шудааст. Диссертант вобаста ба моҳияти масъала фасли мазкурро ба зерфаслҳо: санъатҳои маънавӣ ва санъатҳои лафзӣ тақсимбандӣ намудааст.

Аз таҳқиқоти масъала бармеояд, ки дар ашъори Ғоиб Сафарзода дар баробари санъатҳои маънавии ташбеҳ, истиора, талмеҳ, тавсиф, таҷнис, такрор ва санъатҳои лафзӣ, ба мисли тарсеъ, таҷнис, зуқофиятайн, ҳоҷиб, такрор, баргардониш, илтизом, иштиқоқ ва ғайра мавқеи хосса дошта, шоир дар шеъри худ аз онҳо моҳирона истифода намудааст.

Фасли охирини ин боби диссертатсия ба таҳқиқу баррасии забон ва сабки нигориши шоир бахшида шудааст. Дар оғози ин фасл диссертант гуфтаҳои муҳаққиқону адабпажӯҳонро доир ба ҳунари шоирии Ғоиб Сафарзода, сабк ва услуби нигориши ӯ ҳамчун шоир ва адиби шинохта овардааст.

Дар маҷмуъ, аз таҳқиқоти анҷомдодаи диссертант бармеояд, ки мазмуну муҳтавои ашъори Ғоиб Сафарзода, хусусиятҳои хоси эҷодиёти ӯ, тасвирҳои ҷолиб ва корбурди воҳидҳои забонӣ дар шеъри шоир бармеояд, ки ӯ дар як муддати кӯтоҳи фаъолияти эҷодӣ мавқеи худро ҳамчун шоир дар адабиёти тоҷики солҳои 60-ум 70-уми асри гузашта пайдо намудааст.

Диссертант **хулосаи** кори таҳқиқотии худро дар 13 банд овардааст, ки куллан мазмуну муҳтавои диссертатсияро фаро мегиранд. **Тавсияҳои** муаллиф ҳам роҷеъ ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқоти ӯ, ки дар 13 нукта баррасӣ гардидаанд, қонеъкунанда мебошанд. Китобнома ё худ рӯйхати адабиёт аз ду қисм – сарчашмаҳои таҳқиқ ва адабиёти илмӣ (бо забонҳои  тоҷикиву русӣ) иборат буда, 137 номгӯро дар бар мегирад. Рӯйхати адабиёт бонизом ва бо тартиби илмиву алифбоӣ мураттаб гардидааст.

**Эроду тавсияҳо ба кори диссертатсионӣ.** Дар радифи мавҷудияти муваффақиятҳо дар диссертатсия баъзе навоқису камбудиҳо низ ба чашм мерасанд, ки ба эътибор гирифтану ислоҳ кардани онҳо ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Ҳарчанд ки фасли якуми боби 2-юми диссертатсия (“Тавсифи мавзуъҳои меҳварии ашъори шоир”) дар алоҳидагӣ оварда шуда бошанд ҳам, аммо ҳамагӣ якуним саҳифаро дар бар мегирад. Яъне, ба таври алоҳида овардани ин фасл зарур набуда, муҳаққиқ метавонист, ки ин фаслро ҳамчун қисмати муқаддимавӣ дар ин боб истифода намояд.

2. Баъзе аз фаслҳои диссертатсия, барои мисол фасли дуюми боби 2-юми диссертатсия (“Васфи модар ва гиромидошти вай дар ашъори шоир”) ҷумлаҳои хулосавӣ надорад.

3. Дар баъзе фаслҳои кор иқтибосҳо тулонӣ оварда шудаанд, ки ин иқдом боиси зиёд гардидани ҳаҷми кор гаштааст (Диссертатсия, саҳ. 36, 39, 57, 58).

4. Ба андешаи мо, хубтар мебуд, ки барои боз ҳам дурусттар муайян намудани мақоми шоирии Ғоиб Сафарзода диссертант ашъори ӯро дар муқоиса ба осори шоирони ҳамзамонаш мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медод.

5. Дар кор баъзе хатоиҳои имлоию техникӣ ва китобат ба назар мерасанд (Диссертатсия, саҳ. 3, 4, 6, 9, 10, 17, 20, 24, 36, 103).

Дар маҷмуъ, норасиву камбудиҳои мазкур дар қиёс бо дастоварду мувафаққиятҳои кор, ки марбут ба таълифи як диссертатсияи мукамали илмӣ дар ҷодаи шинохти «Рӯзгор ва осори Ғоиб Сафарзода» мебошад, ночизу дувумдараҷа буда, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши кори таҳқиқотии муаллифро коста намегардонанд. Ислоҳи онҳо дар марҳилаҳои баъдии фаъолияти илмии муаллиф имкон дорад.

Автореферат ва мақолаҳое, ки довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия нашр намудааст (5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,

8 мақола дар маҷмуа ва нашрияҳои дигар), муҳтавои асосии диссертатсияро фаро гирифтаанд. Мавзуи интихобнамудаи унвонҷӯи дараҷаи илмӣ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.04 – Таърихи адабиёт; равобити адабӣ мувофиқат мекунад.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, диссертатсияи номзадии Мирзоева Маҳтовбӣ Мустафоевна дар мавзуи «Рӯзгор ва осори Ғоиб Сафарзода» бо муҳиммият, навгониҳои илмӣ ва арзиши назариву амалиаш ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан бо талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт; равобити адабӣ сазовор мебошад.

Тақризи мазкур бо дарназардошти талаботи бандҳои 71 ва 72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

Номзади илми филология, омӯзгори
кафедраи забони тоҷикии Муассисаи
давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав» Раҳмонов М.Б.
Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Бохтар, кӯчаи Кайҳоннавардон – 38/15.
Тел.: (+992) 901-88-17-77.
03.02.2024

Имзои Раҳмонов Маҳмурод Бегмуратовичро тасдиқ мекунам:
сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав» Шукурзод Ҷ.А.

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон.
шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.
Тел.: (8 32 22) 2-45-20; 2-22-53.
E-mail: bsu@mail.ru
03.02.2024